# ТАҚРИЗ

ба автореферати кори диссертатсионии Сараев Алишер Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта», ки ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 040 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17– Ҷарроҳӣ, пешниҳод шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳими ҷарроҳии таъҷилӣ ин табобати саривакт ва самараноки шаклҳои вазнини перитонити паҳнгашта мебошад, ки ба пастшавии сатҳи фавтият аз чунин ориза мусоидат мекунад. Ин ҳам ҷарроҳони амалиро ба тағйири тактикаи табобати перитонит, водор месозад.

Дараҷаи кунунии самаранокии табобати ҷарроҳии перитонитҳои паҳнгашта аз набудани самаранокии тадбирҳои ташхис ва табобат, махсусан ҳангоми перитонитҳои паҳнгаштаи фасодӣ, шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, сатҳи фавт такрибан 20% - натиҷаи қаноатбахши табобати ҷарроҳии перитонитҳои паҳнгаштаи фасодӣ дар гурӯҳҳои гуногуни тадқиқотӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти худ муаллиф фавтиятро дар сатҳи 13,4% қайд намуда, исбот кардааст, ки ин нишондиҳанда ба вазнинии беморӣ, ва аз ин рӯ, ба марҳилаи инкишофи он, вобаста аст. Аз рӯи марҳилаҳо, мувофиқи таснифоти пешниҳодшуда, беморонро гурӯҳбандӣ намуда, диссертант ҳар як марҳиларо натанҳо аз рӯи вазнинии ҳолат, балки аз рӯи натиҷаҳои муайян кардани сатҳи панели биомаркерҳои илтиҳоб ва сепсис, ҷудо месозад.

Истифодабарии системаи нави арзёбии вазнинии ҳолати беморон, ки муаллиф пешниҳод мекунад, имкон медиҳад, ки натиҷаи табобати беморон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи ҷараён пешгӯӣ карда шавад, ва ба мо умедбахш менамояд ва имкон медиҳад, ки бисьёр масъалаҳои стратификатсияи беморони гирифтори перитонити пахнгаштаи фасодӣ ҳал шавд.

Пешгӯӣ ва оқибати перитонити паҳнгашта бо таъсири мутақобилаи омилҳои зиёд, аз ҷумла омилҳои хоси беморӣ ва мудохилаҳои ташхисӣ ва табобатӣ, муайян карда мешавад. Мувофиқи автореферати диссертатсия, тақсимоти беморон аз рӯи гурӯҳҳои хатар вобаста ба дараҷаи вазнинии ҳолати бемор ба диссертант имкон дод, ки оқибати беморӣ пешгӯӣ карда шавад, беморон барои табобати интенсивӣ интихоб карда шаванд, дараҷаи хатари амалиётӣ муқаррар карда шавад. Ин муаллифро водор сохт, ки алгоритми интихоби оптималии ҳаҷми амалиёти ҷарроҳиро тахия намояд. Дар таҳқиқот инчунин ба назар гирифтани иттилоотнокии маҷмӯи маркерҳо

низ, ки нисбат ба илтиҳоби умумӣ, норасоии полиорганӣ ва вобаста ба ин нисбат ба оқибати беморӣ ҳассосият ва мушахассоти баланд доранд, пешниҳод карда мешавад.

Диссертант ба мақсад мувофик будани пешгӯии оқибати муоличаи беморон бо перитонити пахнгашта дар асоси арзёбии вазнинии ҳолати беморон бо истифода аз навгонӣ — маълумот аз тасвири морфологии дохиличарохии ковокии шикам — аз чиҳати илмӣ асоснок кард.

Иқтидори ҳозиразамони омор имкон медиҳад, ки аломатҳои муҳимтарин (предикторҳо), ки бо оқибатҳои гуногуни перитонити паҳнгашта алоқаманданд, интихоб карда шаванд.

Табобати ҷарроҳии перитонити паҳнгаштаи фасодӣ ба рафъи манбаъ, поксозӣ ва обияткашии мувофиқи ковокии шикам нигаронида шудааст. Яке аз самтҳои фаъолона инкишофёбанда ва ояндадори ҳалли масъалаи табобати шаклхои вазнини перитонити паҳнгашта ин истифодабарии усулҳои поксозиҳои марҳилавӣ аз рӯи «барнома» ё «аз рӯи талабот» мебошад.

Дар робита ба ин, ҷустуҷӯи усулҳои коҳиш додани сатҳи фавтият ҳангоми перитонити паҳнгаштаи фасодӣ тавассути оптимизатсияи интихоби тактикаи ҷарроҳӣ муҳим боқӣ мемонад, ки диссертант мувофиқи автореферати пешниҳодкардааш амалӣ мекунад. Алтернативаи оптималии табобати ҷарроҳии анъанавии перитонити паҳнгашта усули релапаротомияи барномавии санатсионӣ мебошад.

Натичаҳои тадқиқот дар амалияи тиббии шӯъбаҳои ҷарроҳии базаи илмӣ, ки дар он муаллиф таҳқиқот гузарондааст, ҷорӣ карда шуданд.

Ҳама натиҷаҳои илмии дар автореферат мавҷудбуда аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда шудаанд ва таҳқиқоти мустақил мебошанд. Эътимоднокии натиҷаҳои корро маълумотҳое, ки дар асарҳои машҳур оид ба ин мавзӯъ оварда шудаанд, тасдиқ мекунанд.

Нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ бо натиҷаи тадқиқот собит гардида, ба мақсад ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқат мекунанд. Натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф ва хулосахое, ки аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам аз чиҳати амалӣ ба даст оварда шудаанд, боэътимод мебошанд.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 46 таълифот, аз он ҷумла 20 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои мӯътабари илмии тиббии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 монография ба чоп расонда шудааст, инчунин 2 патент барои ихтироъ, 2 гувоҳномаи пешниходи беҳсозон ба даст овардааст.

Автореферати диссертатсия хуб тартиб дода шуда, маводҳои дар он буда бо пайдарҳамии мантиқӣ пешниҳод карда шуда, хамаи фаслҳои заруриро мувофиқи талаботи муқарраршуда дарбар мегиранд. Нисбати тарҳрезии автореферат эроде вуҷуд надорад.

## Хулоса

Дар асоси автореферати пешниҳодшуда метавон гуфт, ки кори диссетатсионии Сараев Алишер Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17 - Ҷарроҳӣ, инъикоси пурраи кори тахассусии илмӣ мебошад, ки дар он масъалаи илмии оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва таҳияи алгоритми табобати шаклҳои вазнини перитонити паҳнгашта, ки барои ҷарроҳон муҳим аст, ҳал карда шудааст.

Кори диссертатсионӣ аз нигоҳи аҳамияти худ, навгонии илмӣ, ҳаҷми таҳқиқоти анҷомдодашуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада ба талаботи "Низомнома дар бораи тартиб додани унвонҳои илмӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, аз ҷумла қисми 3, банди 32 он, ки барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои тиб пешниҳод шудааст ва муаллиф ба ноил шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17 – Ҷарроҳӣ, сазовор аст.

**Мудири кафедраи "Беморихои ҷарроҳии №2 ба номи академик Усмонов Н.У." МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино", д.и.т.** **Маликов М.Х.**

имзои/подпись Маликов М.Х.

ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«03» 05 2023 с/г